# Мавзўи 2. Масъалаи асосии фалсафа

1. Тавсифи умумии масъалаи асосии фалсафа
2. Ҷанбаи аввали масъалаи асосии фалсафа
3. Ҷанбаи дуюми масъалаи асосии фалсафа

## Тавсифи умумии масъалаи асосии фалсафа

Масъала оиди муносибати тафаккур (шуур) ба ҳастӣ ва ҳастӣ ба тафаккур чун анъана дар фалсафа масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Зарурати ин масъала дар он асос меёбад, ки аз ҳалли дурусти он бунёди комили донишҳо оиди олами атроф ва мақоми инсон дар он вобастааст. Ин бошад вазифаи асосии фалсафа ба ҳисоб меравад. Модда ва шуур (рӯҳ)- ду ҷанбаи ҷудонашаванда ва дар навбати худ мутаззоди ҳастӣ ба шумор меравaнд. Дар алоқамандӣ ба ин, масъалаи асосии фалсафа ду ҷанбагӣ пайдо мекунад - ҷанбаи *–онтологӣ* (ҳастишиносӣ) ва ҷанбаи *гносеологӣ* (маърифатӣ).




Ҷанбаи онтологии (ҳастишиносӣ) масъалаи асосии фалсафа дар ҳалли чунин масъала ифода меёбад: модда аввал аст ё шуур?

Моҳияти ҷанбаи гносеологии (маърифатии) масъалаи асосии фалсафа: олам донисташаванда аст ё не?

Вобаста аз ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологӣ дар фалсафа чунин равияҳои асосӣ вуҷуд доранд: материализм ва идеализм инчунин эмпиризм ва ратсионализм. Ҳангоми баррасии ҷанбаи онтологии масъалаи асосии фалсафа чунин равияҳоро қайд кардан мумкин аст:

- Монизм
- Дуализм
- Материализм
- Идеализм
- Идеализми объективӣ
- Идеализми субъективӣ

Ҷанбаи гносеологӣ (маърифатӣ):

- Гностисизм;
- Агностисизм;
- Эмпиризм (сенсуализм);
- Ратсионализм.

Масъалаи ҷаҳоншиносии инсон –олам дар фалсафа пеш аз ҳама ҳамчун муносибати ҳастӣ ба шуур баррасӣ мешавад. Ин масъала дар тарзҳои гуногун вуҷуд дорад: чун муносибати рӯҳ ба табиат; тафакур ба ҳастӣ; муносибати ҷисму ҷон; «Ман» ва «на Ман»; дар шакли масъалаи мӯҳдас ва қадим будани олам ва ғ. Баррасии масъалаи муносибати ҳастӣ ва шуур ба худи мавҷудияти инсон ҳамчун мавҷуди мутафаккир ва фаъол вобаста аст. Масъалаи муносибати тафаккур ба ҳастӣ дар фалсафаи олмонӣ (аз тарафи Ф. Шеллинг, Ф. Энгелс) унвони масъалаи асосии фалсафаро гирифт.

Масъалаи асосии фалсафаро метавон мухтасаран ҳамчун масъала оиди муносибати ду шакли ҳақиқат - ҳақиқати объективӣ ва ҳақиқати субъективӣ ифода намуд.

Вақте ки файласуфон вазифаи муайян намудани муносибати ҳақиқати субъективӣ ва объективиро ба миён мегузоранд, пас чуноне ки таърихи фалсафа нишон медиҳад, аввал муносибати онтологӣ дар мадди назар гирифта мешавад. Ҳастӣ ва шуур вуҷуд доранд. Чӣ гуна онҳо бо ҳам муносибат доранд: кадоме аз инҳо аслӣ аст ва кадоме фаръӣ, кадоме сабаб аст ва кадоме натиҷа, кадоме аввал аст ва кадоме сонӣ?

Аммо масъалаи асосии фалсафа танҳо ба робитаи онтологӣ маҳдуд намешавад. Масъалаи муносибати тафаккур ба ҳастӣ дар муносибатҳои гносеологӣ (маърифатӣ) низ ифода меёбад. Чӣ гуна андешаҳои мо ба олами атрофии мо муносибат доранд, оё имкони он аст, ки андешаи мо оламро дарк кунад, оё мо метавонем, ки

дар тасаввурот ва фаҳмиши худ оиди олам инъикоси ҳақиқатро таҷассум намоем?

Ҳамин тариқ, масъалаи асосии фалсафа дори ду ҷанба мебошад: масъала оиди *аввалият* ва масъала оиди *шинохт*.

Масъала оиди муносибати тафаккур ба ҳастӣ барои он асосӣ ҳисоб меёбад, ки аз он шаклгирии ҷаҳонбинии фалсафӣ оғоз меёбад, ба ҳалли он ҳалли масъалаҳои дигари фалсафӣ марбут аст. Барои ҳамин, ин ё он тариқи ҳалли ин масъала хусусияти равияҳо ва мактабҳои гуногуни фалсафиро муайян мекунад.